# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №28

**аз 18 декабри соли 2009** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф**

Бо дарназардошти масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 212, 213 ва 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ба миён меоянд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Диққати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба он ҷалб карда шавад, ки ҷавобгарӣ барои ҷинояти дар моддаи 212-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) пешбинишуда танҳо дар сурати фаросарии оқибатҳои дар моддаи мазкур нишондода ба миён омада метавонад, агар аз ҷониби шахс вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ё ин ки истифодабарии воситаҳои нақлиёт бо оқибатҳои ба амаломада, алоқаи сабабӣ дошта бошанд.

2. Субъекти ҷинояти дар моддаи 212-и КҶ пешбинишуда шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба синни 16 солагӣ расида, автомобил, тролейбус ё дигар воситаҳои нақлиёти механикиеро, ки барои дар роҳҳо кашонидани мусофирҳо, бор ё таҷҳизоти дар он васл кардашуда, пешбинӣ шудаанд, идора мекунад (банди 1.2-и Қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, минбаъд - Қоидаҳо). Субъекти ин ҷиноят на танҳо ронандае, ки имтиҳонро барои ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиёти намуди мазкур супорида, шаҳодатномаи дахлдорро гирифтааст, инчунин шахси дигари идоракунандаи воситаи нақлиёт, аз он ҷумла шахсе, ки аз ӯ ҳуҷҷати номбурда бо тартиби муқарраркардаи қонун барои қаблан вайрон кардани бандҳои Қоидаҳо гирифта шудааст, шахсе, ки ҳуқуқи рондани воситаи нақлиётро надорад ё ин ки аз ҳуқуқи идоракунии воситаи дахлдори нақлиёт маҳрум карда шудааст, инчунин шахсе, ки омӯзонандаи ронандагӣ дар воситаи нақлиёт бо идоракунии дутарафа мебошад, дониста мешаванд.

Мутобиқи банди 1.2-и Қоидаҳо ба воситаҳои механикии нақлиётӣ мопедҳо ва дигар воситаҳои нақлиёте, ки бо муҳаррики дорои қувваи кории на зиёдтар аз 50 сантиметри кубӣ ба ҳаракат даровarда шуда, суръати ниҳоии конструктивии он на бештар аз 50 км/соат аст, инчунин велосипедҳои дорои муҳаррикҳои шинондашуда, моникҳо ва дигар воситаҳои нақлиёте, ки дорои чунин тавсифҳо мебошанд, дохил намешаванд. Шахсоне, ки чунин воситаҳои нақлиётро идора карда, ба вайронкунии қоидаҳои бехатарии ҳаракат ё истифодаи воситаҳои нақлиёт роҳ дода, ин кирдор аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарари вазнин ё миёна расонида, ё ин ки боиси марги инсон гашта бошад, дар сурати ҷой доштани асосҳо мувофиқан бо қисмҳои 1, 2 ё 3-и моддаи 216 КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

3. Мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дар моддаи 212-и КҶ пешбинишуда, бояд дар санадҳои мурофиавӣ нишон диҳанд, ки вайрон кардани кадом бандҳои мушаххаси Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ё истифодаи воситаи нақлиёт боиси фаросарии оқибатҳои дар моддаи қайдгардида гаштаанд ва

ин вайронкуниҳо маҳз дар чӣ ифода ёфтаанд.

Агар дар қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардан ва хулосаи айбдоркунӣ бандҳои алоҳидаи қоидаҳои номбаршуда дохил карда шуда бошанду вайронкунии муқаррароти он ба ҳолатҳои воқеии кор, ки дар мурофиаи судӣ муайян шудаанд, мувофиқат накунанд, суд бо дарназардошти муқаррароти моддаи дахлдори Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) метавонад парвандаи ҷиноятиро ба прокурор барои эълон намудани айб бо нишон додани бандҳои мушаххаси Қоидаҳо, ки вайронкунии онҳо ба фарорасии оқибатҳои дар моддаи 212-и КҶ пешбинигардида оварда расонидаанд, баргардонад.

4. Ҳаракатҳои шахси идоракунандаи воситаи нақлиёт, ки боиси фарорасии оқибатҳое, ки дар моддаи 212-и КҶ пешбинӣ гардидаанду вале он на дар натиҷаи вайронкунии қоидаҳои ҳаракати роҳ ё ин ки истифодаи воситаҳои нақлиёт, балки ҳангоми бор кардан ва бор фаровардан, таъмири воситаҳои нақлиёт, иҷроиши корҳои сохтмонӣ, роҳсозӣ, кишоварзӣ ва дигар корҳо, ҳамчунин дар натиҷаи идоракунии воситаи нақлиёти автомобилӣ аз роҳ берун ба миён омада бошад, бояд вобаста аз фарорасии оқибатҳо ва шакли гуноҳ тибқи моддаҳои дахлдори КҶ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ё ин ки барои вайрон кардани қоидаҳо ҳангоми иҷроиши кор пешбинӣ менамоянд, банду баст карда шаванд.

5. Диққати мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми санҷиши сабабҳои ба амал омадани ҳолати садамавӣ бояд муайян карда шавад, ки кадом бандҳои Қоидаҳо вайрон карда шудаанд ва кадом вайронкунӣ бо оқибатҳои дар моддаи 212-и КҶ пешбинишуда алоқаи сабабӣ доранд.

Дар ҳолатҳое, ки агар қоидаҳои ҳаракати роҳ аз тарафи ду ё зиёда аз он иштирокчии ҳаракати роҳ вайрон карда шуда бошад, кирдори содирнамудаи онҳо дар сурате ҷавобгарии ҷиноятиро бо моддаи 212-и КҶ ба миён меорад, ки агар ҳаракатҳои онҳо ҷиҳати идоракунии воситаи нақлиёт бо фарорасии оқибатҳои дар моддаи мазкур қайдгардида, дар алоқаи сабабӣ қарор дошта бошанд.

6. Зимни ҳал кардани масъалаи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии ронанда дар содир намудани фалокати роҳу нақлиёт бинобар сабаби бо суръати баланд идора намудани воситаи нақлиёт бояд талаботи банди 10.1-и Қоидаҳо ба асос гирифта шавад, ки тибқи он ронанда бояд онро бо суръате идора намояд, ки аз ҳадди муқарраршуда зиёд набошад, дар айни замон дараҷаи зиёд будани ҳаракат, хусусият ва ҳолати воситаи нақлиёт ва бор, шароити роҳ ва боду ҳаво, аз ҷумла дидашавандагии самти ҳаракатро ба эътибор гирад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида, ҳангоми ба вуқуъ омадани хатар барои ҳаракат, ки ронанда имкони дарки онро дорад, ӯ бояд чораҳои имконпазирро барои паст кардани суръат ва пурра боздоштани воситаи нақлиёт андешад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 212-и КҶ дар сурате ба амал меояд, ки агар ронанда имконияти техникии пешгирӣ намудани садамаи нақлиётиро дошта, байни ҳаракатҳои ӯ ва оқибатҳои ба амаломада алоқаи сабабӣ муқаррар шуда бошад.

7. Ҳангоми ҳалли масъала дар бораи имконияти техникии пешгири намудани фалокати роҳу нақлиёт бояд ба инобат гирифт, ки лаҳзаи ба амал омадани хатар барои ҳаракат, дар ҳар як ҳолати мушаххас бо дарназардошти вазъияти роҳ пеш аз ба вуқуъ омадани садамаи нақлиётӣ, муайян карда мешавад. Ба амал омадани хатар барои ҳаракат дар он лаҳзае дониста мешавад, ки ронанда имконияти воқеии дарк намудани онро дошта бошад.

Мавриди таҳлили далелҳо оиди он ки дар шароити торикии шаб ё нокифоягии дидани самти ҳаракат ронанда имконияти техникии пешгирии фалокати роҳу нақлиётро дошт ё не, бояд тибқи банди 10.1-и Қоидаҳо ронанда чунин суръати ҳаракатро интихоб намояд, ки имкони назорати доимиро аз болои ҳаракати воситаи нақлиёт ҷиҳати иҷрои талаботи Қоидаҳо дошта бошад.

8. Бояд ба инобат гирифт, ки ба салоҳияти экспертизаи судӣ- нақлиётӣ ҳаллу фасли танҳо масъалаҳои махсуси бо фалокати роҳу нақлиёт алоқаманд буда, дохил мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми таъин намудани экспертиза мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва судҳо ҳуқуқ надоранд, ки дар назди экспертҳо масъалаҳои ҳуқуқиеро, ки ҳал карданашон маҳз ба ваколати худи онҳо

мансуб мебошад, гузоранд (масалан, дар бораи дараҷаи гунаҳгории иштирокчии ҳаракати роҳ). Мавриди таҳлил ва баҳодиҳии хулосаи экспертизаи нақлиётӣ, инчунин бояд ба эътибор гирифта шавад, ки объекти тадқиқоти экспертӣ ҳолатҳое шуда метавонанд, ки бо ҳаракатҳои воқеии ронандаи воситаи нақлиёт ва дигар иштирокчиёни ҳаракати роҳ алоқаманд мебошанд.

9. Дар ҳолатҳое, ки дар натиҷаи фалокати роҳу нақлиёт ду ё зиёда шахсон зарар дидаанд, ҳаракати шахси вайронкунандаи қоидаҳои ҳаракати роҳ ҳангоми идора намудани воситаи нақлиёт ё истифодаи он бояд бо қисми дахлдори моддаи 212-и КҶ банду баст карда шавад, ки ҷавобгарии нисбатан вазнинтарро барои аз беэҳтиётӣ ба амал омадани ин оқибатҳо пешбинӣ намудааст, зеро мутобиқи қисми 2 моддаи 20-и КҶ маҷмӯи ҷиноятҳо танҳо як кирдоре, ки аломатҳои ҷинояти дар ду ё бештар моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо дорад, чун маҷмӯи ҷиноятҳо эътироф мешавад.

Мавриди вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ё истифодаи воситаҳои нақлиёт аз беэҳтиётӣ дар як вақт ба саломатии як ё якчанд шахс зарари миёна расонида шуда бошад, шахси гунаҳгор бо қисми 1 моддаи 212-и КҶ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

10. Агар суд дар асоси далелҳои таҳқиқгардида муайян намояд, ки оқибатҳои дар моддаи 212-и КҶ нишондода на танҳо дар натиҷаи аз ҷониби шахси идоракунандаи воситаи нақлиёт вайрон кардани Қоидаҳои ҳаракати роҳ ё истифодаи воситаҳои нақлиёт ба амал омадаанд, инчунин бинобар аз тарафи ҷабрдида риоя накардани бандҳои мушаххаси Қоидаҳо (ҳангоми ҳаракат кардан аз ҷониби мусофир истифода набурдани тасмаи бехатарӣ, бе тоскулоҳ дар мототсикл ҳаракат кардан ва ғайра) ба миён омадаанд, суд метавонад ҳолатҳои мазкурро ҳамчун ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо ба инобат гирад, ба истисноии ҳолатҳое, ки ронанда ӯҳдадориҳои худ оид ба таъмини бехатарии мусофиронро иҷро накардааст.

11. Диққати судҳо ба он равона карда шавад, ки ҳангоми таъин намудани ҷазо ба шахсе, ки ҷинояти дар моддаи 212-и КҶ пешбинишударо дар ҳолати мастии майзадагӣ ё мадҳушӣ аз маводи нашъаовар содир намудааст, ҳолати зикргардида бояд тибқи қисми 3-и моддаи 60 КҶ ҳамчун тавсифкунандаи манфии шахсияти ин шахс, ки қасдан ба вайронкунии банди 2.7-и Қоидаҳо роҳ дода, дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содир намудаи ӯро зиёд мегардонад, ба инобат гирифта шавад.

12. Аз сабаби он, ки моддаи 212-и КҶ дар баробари ҷазои асосӣ имконияти татбиқи ҷазои иловагиро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян (масалан, маҳрум кардан аз ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт)-ро пешбинӣ менамояд, суд бояд дар назар дошта бошад, ки мутобиқи моддаи 50-и КҶ ҷазои иловагии номбурда мумкин аст ҳам нисбати шахсе, ки ба ӯ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун шаҳодатнома дода шудааст, инчунин нисбати шахсе, ки автомобил ё дигар воситаи нақлиётро бе иҷозатномаи дахлдор идора мекунад, таъин карда шавад.

Ҳангоми ба шахси гунаҳгор таъин намудани ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт, суд бояд дар ин бора ба сохторҳои дахлдори Бозрасии давлатии автомобилӣ иттилоъ диҳад. Шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт, ки дар парванда мавҷуд аст, бояд ба зершӯъбаи мазкур барои иҷроиши ҳукми судӣ ирсол карда шавад.

13. Ҳангоми баррасии парванда дар бораи татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ нисбати шахсоне, ки кирдори дар моддаи 212-и КҶ пешбинишударо содир намудаанд ва дар асоси моддаҳои 24 ва 79-и ҳамин Кодекс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ё аз ҷазо бо татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ озод карда шудаанд, мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бояд ба сохторҳое, ки дорои салоҳияти ҳал кардани масъалаҳо оиди маҳрум кардан аз ҳуқуқи махсус мебошанд, барои андешидани чораҳо оид ба қатъ кардани амали ҳуқуқи шахсони мазкур вобаста ба идоракунии воситаҳои нақлиёт, инчунин ёфта гирифтани шаҳодатномаҳои дахлдор маълумот расонанд. Масъалаи маҳрум кардан аз ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл карда мешавад.

14. Дар сурате, ки агар шахси идоракунандаи воситаи нақлиёт онро қасдан бо мақсади расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида истифода карда бошад, кирдори содир намуда

ҷавобгарии ҷиноятиро бо моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба вуқӯъ меорад.

15. Тавзеҳот дода шавад, ки озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ оиди ҷиноятҳои бо моддаи 212-и КҶ пешбинишуда, бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида (моддаи дахлдори КМҶ) на ин ки ӯҳдадорӣ, балки ҳуқуқи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мебошад. Ҳангоми қабули қарор дар бораи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудани шахси ҷиноят содирнамуда бо ҷабрдида, суд бояд хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдори содиргардида, маълумот дар бораи шахсияти судшаванда, дигар ҳолатҳои корро (оё шахси дахлдор ҷабрдида эътироф карда шудааст, ҳолати молумулкии ӯ, нисбати ҷабрдида бо мақсади оштишавӣ фишор оварда шудааст, кадом ҳаракатҳоро шахси гунаҳгор баҳри талофӣ кардани зарари расонидашуда анҷом додааст ва ғайра) ҳаматарафа таҳлил намояд. Дар ин маврид бояд баҳо дода шавад, ки оё чунин қарор ба мақсаду вазифаҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷамъият ва давлат мувофиқат мекунад ё не.

Бинобар ҳамин, бояд муқаррар карда шавад, ки оё асосҳои дар моддаи 73-и КҶ пешбинишуда риоя карда шудаанд, зеро тибқи онҳо аз ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе озод карда мешавад, ки ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна содир намуда, бо ҷабрдида оштӣ шуда, зарари ба ҷабрдида расонидаашро талофӣ карда бошад.

16. Диққати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ва судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаҳо дар бораи таъмири бадсифати воситаҳои нақлиёт ва барои истифодабари иҷозат додани нақлиёти носоз бояд алоқаи сабабии байни таъмири бадсифати қисмҳои алоҳида, бандакҳои воситаи нақлиёт, инчунин вайрон кардани ҷараёни технологӣ ҳангоми васл ё иваз кардан ва ба истифода баровардани онҳо ва фарорасии оқибатҳои дар моддаи 213-и КҶ пешбинигардида, муайян карда шавад.

Таҳти мафҳуми таъмири бадсифати воситаи нақлиёт бояд бартараф накардани ҳамаи норасоиҳо тибқи қоидаҳои технологӣ ва меъёрӣ ё ин ки васл намудани қисмҳои эҳтиётии бадсифат ё ғайристандартӣ (масалан, бандакҳо ва ҷузъиётҳое, ки истифодабарии бехатарии воситаи нақлиётро таъмин мекунанд), фаҳмида шавад.

Аз ин рӯ, бояд муайян карда шавад, ки маҳз кадом вайронкунии мушаххаси қоида ва меъёрҳо боиси фарорасии оқибатҳои дар моддаи 213-и КҶ пешбинигардида шудаанд. Барои муқаррар кардани чунин вайронкунӣ ва ҳолатҳои истифодабарии қисмҳои эҳтиётию бандакҳои бадсифат ҳангоми таъмири воситаи нақлиёт, дар сурати мавҷуд будани асосҳо бояд экспертизаи судӣ-нақлиётӣ таъин карда шавад.

Таҳти мафҳуми ба истифода баровардани воситаи нақлиёти носоз (ҳаракат ё беҳаракатӣ) бояд иҷро накардани ӯҳдадориҳои хизматӣ аз ҷониби шахси масъули ҳолати воситаҳои нақлиёт, ки барои ба истифодабарӣ бо норасоиҳо баровардан иҷозат додааст, фаҳмида шавад. Ба чунин шахсон мумкин аст кормандони ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ё тиҷоратӣ мансуб дониста шаванд, ки ба зиммаи онҳо дар асоси дастурамалҳо, қоидаҳо, ё амрҳои дахлдор, ё тибқи вазифаи хизматӣ ё мансабии ишғол намудаашон барои ҳолати воситаҳои нақлиёт масъулият вогузор карда шудааст.

Ҷинояти дар моддаи 213-и КҶ пешбинишуда аз лаҳзаи фарорасии оқибатҳо дар намуди аз беэҳтиётӣ ба саломатии ҷабрдида расонидани зарари дараҷаи миёна, вазнин, зарар ба миқдори калон ё боиси марги инсон гардидан хотимаёфта дониста мешавад. Миқдори зарари калон аз андозаи зарари воқеъан ба ҷабрдида расонидашуда муайян карда мешавад.

17. Субъекти ҷинояти дар моддаи 213-и КҶ пешбинишуда мумкин аст ҳам кормандони ташкилотҳои нақлиётӣ новобаста аз шаклҳои ташкилию-ҳуқуқӣ ва моликият, ки бо нақлиёти автомобилӣ ва барқии шаҳрӣ ба кашонидани мусофирон ва бор машғуланд, инчунин кормандони дигар ташкилотҳо, ки ба онҳо дар асоси дастурамалҳо ё ин ки қоидаҳои амалкунанда, амрҳои дахлдор ё ин ки тибқи вазифаи хизматии ишғол намудаашон барои ҳолати корӣ ё истифодабарии воситаҳои нақлиёт масъулият вогузор карда шудааст, ҳамчунин молик - соҳибкорон ё кормандони устохонаҳои таъмири нақлиёт, ки барои ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ иҷозатнома дошта, таъмири бадсифатро иҷро намудаанду аз беэҳтиётӣ боиси ба саломатии инсон расонидани зарари дараҷаи миёна, вазнин ё марги ӯ гардидааст,

дониста шаванд.

18.Ҳаракатҳои ронандаи воситаи нақлиёт, ки ҷабрдидаро дар натиҷаи фалокати роҳу нақлиёт дар ҳолати барои ҳаёт ё саломатиаш хавфнок гузошта, бо вайронкунии талаботи банди 2.5-и Қоидаҳо дар сурати имконият доштан ба ӯ ёрии зарурӣ нарасонидааст, иловатан бояд бо моддаи 127-и КҶ банду баст карда шаванд.

Таҳти мафҳуми дидаю дониста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ва саломатиаш хавфнок қарор дорад, бояд он ҳолатҳое фаҳмида шаванд, ки ронандаи воситаи нақлиёт хавфи барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдидаро, ки имконияти мустақилона ба ёрии тиббӣ муроҷиат карданро аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё ин ки ҳолати оҷизонаи худ надорад, дарк намудааст (масалан, дар ҳолатҳое, ки агар ронанда аз ҷои ҳодиса ғайб задааст, ёрии таъҷилии тиббиро даъват накардааст, ҷабрдидаро ба муассисаи тиббии наздиктарин оварда нарасонидааст ва ғайра).

19. Масъалаи айбдорӣ ва гунаҳгории шахсро дар содир намудани ҷинояти бо моддаи 252-и КҶ пешбинишуда ҳал карда истода, бояд дар назар дошт, ки таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (рабудан), фаҳмида мешавад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз лаҳзаи аз ҷои воқеъ буданаш ҳай кардан ё ин ки аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он ҷинояти хотимаёфта дониста мешавад.

Ҳамчун сӯиқасд барои ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, кирдори қасдонаи шахсе эътироф карда мешавад, ки кушиши шикастани қулф ё воситаҳои огоҳкунии муҳофизатиро кардааст, ё бе мақсади тасарруф муҳаррикро ба кор даровarда, ҳаракатро оғоз кардааст, аммо бо сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда, то ба охир расонида нашуда бошад.

Бе иҷозат ва худсарона ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт аз ҷониби аъзои оила, инчунин шахсе, ки ронандаи воҳидии он мебошад, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад.

20. Таҳти мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёт, ки барои ҳай карда бурдани онҳо бидуни мақсади тасарруф бо моддаи 252-и КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, бояд воситаҳои нақлиёти механикӣ (троллейбусҳо, тракторҳо, мототсиклҳо, дигар мошинҳои худгард бо муҳаррики сӯзиши дарунӣ ё барқӣ, катерҳо, завраққои муҳаррикдор) фаҳмида шаванд. Предмети ҷинояти мазкур мопедҳо, велосипедҳо, қаиқҳои завракдор, нақлиёти боркаши обӣ ва ғайраҳо намебошанд.

21. Агар шахси воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда бурда, ҳамзамон молу мулки дар он бударо тасарруф карда бошад, кирдори содирнамуда бояд бо моддаи 252-и КҶ ва моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тасарруфи молу мулки ғайр пешбинӣ намудааст, банду баст карда шавад.

Ба даст овардани воситаи нақлиёт бо мақсади минбаъд ба қисмҳо ҷудо намудан ва аз худ кардани қисмҳои он ё ин ки ба фоидаи худ ё шахсони дигар даровардани воситаи нақлиёт бояд ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр банду баст карда шавад.

22. Дар назар доштан зарур аст, ки ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок намебошад (банди "в" қисми 2-и моддаи 252 КҶ) бояд қасдона лату кӯб кардан ё содир намудани дигар ҳаракатҳои зӯроварие, ки бо расонидани дарди ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё маҳдуд намудани озодии ӯ алоқаманд мебошад (бастани дастҳо, истифода бурдани дастбандҳо ва ғайра) фаҳмида шавад.

Таҳти мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок ё ин ки таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ҳангоми рабудан (банди “в” қисми 3-и моддаи 252 КҶ) бояд ҳаракатҳои қасдонае, ки боиси ба саломатии ҷабрдида расонидани зарари миёна ё вазнин, инчунин зарари сабук, ки ба мӯҳлати кӯтоҳ ба вайрон шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардидааст ва таҳдиди содир намудани ҳаракатҳои

номбаршуда, фаҳмида шаванд.

Ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, ки бо аломатҳои бандубасткунандаи дар боло зикргардида содир шудаанд, ҳаракати шахсро ба таври иловагӣ бо моддаҳои дахлдори КҶ барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон банду баст кардан зарурат надорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар натиҷаи зӯроварие, ки зимни рабудан истифода шудааст, марги ҷабрдида ба амал омадааст.

Дар мавриди ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт дар натиҷаи қасдан истифода намудани зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад, кирдори содиршуда бояд вобаста аз ҳолатҳои мушаххаси кор бо банди "в" қисми 3-и моддаи 252 ва банди "в" қисми 3-и моддаи 110 КҶ банду баст карда шавад.

Таҳти мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ҳамчунин бо соҳиб ё молики воситаи нақлиёт таҳти идоракунии охирин сафар кардан ва нисбати ӯ истифода намудани зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он (тибқи банди "в" қисми 2 ё банди "в" қисми 3-и моддаи 252 КҶ) низ фаҳмида мешавад, зеро дар чунин ҳолат шахси зикргардида имконияти мутобиқи иродаи худ ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиёташро аз даст медиҳад.

23. Аз ҷониби якчанд шахс ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо маслиҳати пешакӣ, ҳаракати ҳар кадоми онҳо бояд ҳамчун шарикони ҷиноят, яъне ҳамиҷрокунанда (қисми 2 моддаи 37-и КҶ) дониста шуда, кирдори содирнамудаашон бе назардошти он, ки кадоме аз иштирокчии гурӯҳи ҷинояткорона воситаи нақлиётро идора менамуд бо банди "б" қисми 2-и моддаи 252 КҶ бе ишора ба моддаи 36-и ҳамин Кодекс банду баст карда мешавад.

24. Ҳангоми бо банди "а" қисми 3-и моддаи 252 КҶ, дар ҳолати расонидани зарар ба миқдори калон, банду баст намудани ҳаракати шахсе, ки воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда бурдааст, бояд хароҷоти воқеан сарфкардаи соҳиби он барои таъмири автомобили ёфташуда, агар ҳангоми рабудан вайрон карда шуда бошад, ба асос гирифта шавад.

Воситаи нақлиёти рабудашуда дучори вайроншавие шуда бошад, ки барқарор кардан ва минбаъд истифодаи онро имконнопазир гардонад, андозаи зарари расонидашуда бояд аз арзиши воқеъии он дар санаи содир шудани ҷинояти зикргардида ҳисоб карда шавад.

Дар чунин ҳолатҳо ҳаракатҳои шахсро ба таври иловагӣ бо моддаи 256-и КҶ банду баст намудан зарурат надорад.

25. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва минбаъд қасдан несту нобуд ё ин ки корношоям кардани он бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳои бо қисми дахлдори моддаи 252-и КҶ ва дар сурати мавҷуд будани асосҳо, бо моддаи 255-и ҳамин Кодекс банду баст карда шавад, агар ин кирдорҳо ба молики воситаи нақлиёт зарари ҷиддӣ расонида, ҳаракатҳои шахси гунаҳгор бошад ҳамчун рабудани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз рӯи аломати ба ҷабрдида расонидани зарари ба миқдори калон банду баст карда нашуда бошанд.

26. Дар ҳолатҳое, ки шахс воситаи нақлиётро ғайриқонунӣ ҳай карда бурда, мақсади минбаъд ба соҳибаш бар ивази мукофотпулӣ баргардонидани онро дошта бошад, ҳаракатҳои ӯ бояд бо моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тасарруфи молу мулки ғайр пешбинӣ намудааст, банду баст карда шаванд.

27. Ба судҳо зарур аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи тасарруфи воситаи нақлиёт бояд муайян намоянд, ки кадом далелҳои дар мурофиаи судӣ мавриди таҳқиқ қарор додашуда қасди шахсеро, ки рабудани воситаи нақлиёти зикргардидаро содир кардааст, барои ба фоидаи худи ӯ ё шахси дигар даровардани онро тасдиқ мекунанд. Агар суд муайян намояд, ки ҳаракатҳои ғайриқонунии номбаршудаи шахс танҳо барои дар воситаи нақлиёти рабудашуда сафар кардан ё бо дигар мақсадҳо бе қасди ғаразнок содир карда шудааст, кирдори содирнамуда ҳангоми ҷой доштани асосҳо бояд ҳамчун ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф тибқи қисми дахлдори моддаи

252-и КҶ баҳо дода шавад, ба шарте чунин банду басткунии кирдор ҳолати ӯро вазнин насозад.

28. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо мақсади сабук намудани содир кардани дигар ҷиноят, агар шахс мақсади ба фоидаи худ ё ба фоидаи шахси дигар додани воситаи нақлиётро надошта бошад, бояд бо моддаи 252-и КҶ дар маҷмӯъ бо моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс, ки ҷавобгариро барои содир намудани дигар ҷиноятҳо пешбинӣ менамояд, банду баст карда шавад.

29. Воситаи нақлиёти ба айбдоршаванда тааллуқдошта, мутобиқи моддаи дахлдори КМҶ танҳо дар сурате мусодира карда мешавад, агар он ба ҳайси олоти ҷинояти қасдона истифода шуда бошад.

Ҳангоми содир намудани ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки бо моддаи 212-и КҶ гунаҳгор дониста шудааст, воситаи нақлиёт ҳамчун олоти ҷиноят мусодира карда намешавад.

30. Судҳо бояд даъвои гражданиеро, ки аз парвандаи марбут ба ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт бармеоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин даъво тобеияти судҳои умумӣ намебошад, баррасӣ намоянд.

Бо парвандаҳо аз рӯи ҷиноятҳои марбут ба вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат ё истифодаи нақлиёт бояд соҳибони воситаҳои нақлиёт, ки тибқи моддаи 1094-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ӯҳдадории ҷубронӣ зарари аз тарафи манбаи хатари калон расонидашуда вогузор карда мешавад, ҷалб карда шаванд.

Таҳти мафҳуми молики манбаи хатари калон бояд ташкилот ё шаҳрванд, ки истифодаи онро дар асоси ҳуқуқи ба онҳо тааллуқдоштаи моликият, пешбурди хоҷагӣ ва идораи фаврӣ ё бо асосҳои дигари қонунӣ (масалан, аз рӯи шартномаи иҷора, кироя, истифодаи беподош, бо бовариннома барои ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт, тибқи фармоиши мақомоти дахлдор барои ба ӯ супоридани манбаи хатари калон) ба амал мебароранд, дониста шавад.

31. Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки ҳангоми муқаррар намудани ҳолатҳое, ки ба содиршавии ҷинояти дар моддаи 212-и КҶ пешбинишуда, мусоидат намудаанд (номувофиқ будани ҳолати роҳ, купрукҳо, гузаргоҳҳои роҳи оҳан ва ғайра ба қоидаҳои сохтмонӣ, меъёрҳою стандартҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ; истифодаи воситаҳои нақлиётӣ вайрона, ки азназаргузаронии техникии давлатиро гузаштаанд ва ғайра), боиси содир шудани ҷинояти бо моддаи 252-и ҳамин Кодекс пешбинишуда гардидаанд, инчунин агар риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд, муқаррароти қонун зимни пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, баррасии судӣ ошкор карда шаванд суд, судя ҳуқуқ доранд нисбат ба онҳое, ки ба камбудӣ роҳ додаанд, таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд.

32.Бо қабули Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 1983 таҳти №2 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба садамаҳои нақлиётӣ” аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**